**Такриз**
**ба фишурдаи диссертатсияи Бухориев Олим Салимович дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навиштори ва гуфторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ**

Ҳар як жанри адабӣ ба таври ҷузъӣ дар инъикоси ниёзҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа саҳми арзанда мегузорад ва муҳимтарин василаи маърифатомӯзӣ ва тарбияи инсон ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи навъи дубайтӣ, ки қадимтарин ашъори фолклорӣ (фаҳлавиёт) маншаъ мегирад, барои шинохти бештари пайвандҳои адабии адабиёти бостон, классикӣ, муосири тоҷик ва фолклор мусоидат мекунад. Таҳлилу таҳқиқи амиқу дақиқи мавзуи вижагиҳои навъи дубайтӣ ба мо имконият медиҳад, ки дар бораи пайдоиш, ташаккулу таҳаввул, хусусиятҳои мавзуӣ, сохторӣ, сабк ва воситаҳои бадеии ин жанри адабӣ маълумоти васеъ пайдо намоем.

Диссертант зимни таҳқиқи масоили марбут ба вижагиҳои жанри дубайтӣ нишон медиҳад, ки табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ барои ибрози эҳсосу отифа ва тарғиби ақидаҳои иҷтимоию ахлоқӣ аз ин навъи адабӣ фаровон ба кор мебаранд. Бинобар ин, дубайтӣ монанди дигар анвои адабӣ дар таҳкиму густариши забону адабиёти форсии тоҷикӣ саҳми назаррас дорад. Аз ин рӯй, таҳқиқу баррасии гуногунҷанбаи навъи дубайтӣ масъалаи муҳимми адабӣ ба шумор рафта, барои мушаххас намудани ҷойгоҳ ва баъзе вижагиҳои адабии он дар эҷодиёти шоирони алоҳида, осори мардумӣ, ҳамзамон ташхиси таъсири мутақобилаи ин намуди ашъори чормисраӣ дар адабиёти гуфторӣ ва навишторӣ мусоидат менамояд.

Муҳимтарин нуктаҳои диссертатсия дар моводи конференсияҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (солҳои 2017-2019) ба шакли маърузаҳо пешниҳод гардидаанд. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия мақолаҳои диссертант дар маҷаллаҳои илмӣ ба нашр расида, маърузаҳои ӯ дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидаанд. Аз он ҷумла, 4 мақолаи муаллиф дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия чоп шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб ва зербобҳои марбут, хулоса ва рӯйхатти адабиёт иборат буда, дар маҷмуъ 184 саҳифаи чопи стандартии компютериро дар бар мегирад.

Дар боби аввали рисола масъалаҳои зерин: пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули навъи дубайтӣ, дар боби дуюм мавзуъҳои ишқ, ғарибӣ, муҳаббат ба ватан ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ, дар боби сеюм масъалаҳои сохтор, вазн, қофия ва радиф, дар боби чорум масъалаҳои забон ва сабки дубайтӣ ва воситаҳои тасвири бадеӣ дар дубайтҳо таҳқиқ гардидаанд.

Дар баробари комёбиҳои арзишманди илмӣ дар фишурдаи диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳснок ва ислоҳталаб ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо бамаврид буда, ба ҷиҳати хубии кори илмӣ меафзояд, аз ҷумла:

1. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешаванд.
2. Дар баъзе мавридҳо номи муҳаққиқон мувофиқи меъёри ягона навишта нашудааст. Масалан: Сируси Шамисо, Шафеии Кадканӣ, А.Абдусаттор (ниг.: саҳ. 6), Н. Хонларӣ (ниг.: саҳ. 12).

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, ҳаргиз қимати илмии диссертатсияро паст карда наметавонад.

Хулоса, диссертатсияи Бухориев Олим Салимович дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

**Муқарризи ғайрирасмӣ:**
номзади илми филология, и.в. доценти
кафедраи забонҳои факултети
муҳандисӣ-иқтисодии Донишкадаи политехникии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи М.С. Осимӣ Мақсудов У.О.
«28» августи соли 2023

**Имзои У.О. Мақсудовро тасдиқ менамоям:**
Мудири шуъбаи кадрҳо Ёқубова М.А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735700, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,
к. Ленин 226.
E - mail: olimi.umed@mail.ru
Тел.: (992) 928855550.

«28» августи соли 2023